# Маълумоти
# Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023

Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он баҳри татбиқи амалии сиёсати созандагию бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои вазифаҳои худ, аз ҷумла таъмини истифодабарандагон бо оби полезӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, азхуд намудани заминҳои нави обёришаванда, барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ корҳои муайянеро анҷом додааст.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Агентӣ 4 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади таҳким ва заминаи мусоид фароҳам овардан ба таъмини рушди соҳа таҳия гардида бо қарору фармоишҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуданд.

Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта вобаста ба камобию хушксолӣ ва маблағгузорӣ мавсими обдиҳии ҳосили соли 2023 муташаккилона гузаронида шуд, ки барои бо оби обёрӣ таъмин намудани

истифодабарандагони об дар давраи ҳисоботӣ идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо дар миқёси ҷумҳурӣ бо 55280 истифодабарандагони об дар майдони 548273 гектар шартнома ба имзо расонида ба онҳо мувофиқи дархост ва талаботашон дар ҳаҷми 4 млрд. 241,2 млн.м$^3$ об бо арзиши 80,8 млн. сомонӣ хизмат расонидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 15,0 млн.м$^3$ бо арзиши 268,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ омили асосии рушди соҳа ба ҳисоб рафта, барои саривақт омода намудани шабакаҳои обёрӣ ба мавсими обдиҳӣ, таъмин намудани истифодабарандагон бо оби обёрӣ ва инчунин пардохти саривақтии музди меҳнати кормандон мусоидат менамояд.

Соли 2023 бинобар сабаби гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва пардохти ғайринақдии маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷараёни пардохти маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ каме ба таъхир афтода, дар маҷмуъ 51,2 млн. сомонӣ ё ин ки 63 фоизро ташкил медиҳад.

Бинобар сабаби аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар обистифодабарандагон сари вақт ва пурра пардохт нагардидани маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ бақияи қарз аз ин ҳисоб дар назди идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ соли 2023 дар ҳаҷми 28,6 млн. сомонӣ ва

бо дарназардошти солҳои пешин 187,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин дар навбати худ боиси афзоиш ёфтани қарзҳои дебиторию кредитории зерташкилоту идораҳои Агентӣ гардидааст.

Бо мақсади рӯёнидани маблағи қарз аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ дар давраи ҳисоботи ба мақомоти Суди иқтисодӣ ва Прокуратура аз ҷониби идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо ба маблағи 35,6 млн.сомонӣ ҳуҷҷат ва аризаҳои даъвогӣ пешниҳод гардида, аз ин ба фоидаи идороҳои шаҳру ноҳияҳо ба маблағи 7,1 млн.сомонӣ рӯёнида шудааст, боқимонда ба маблағи 28,5 млн.сомонӣ дар арафаи баррасӣ қарор доранд.

Дар ин давра тибқи маълумотҳо бо назардошти солҳои пешин қарзҳои дебиторӣ 239,4 млн. сомонӣ ва қарзҳои кредиторӣ 187,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, №142 “Дар бораи солимгардонии вазъи иқтисодию молиявии низоми беҳдошти замин, обёрӣ ва энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон” нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 405,4 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ бо истифодаи то 7,78 млн. кВт/соат қувваи барқ дар як шабонарӯз то 406 дастгоҳҳои обкашӣ ва 54 адад чоҳҳои амудӣ

фаъолият намуда, заминҳои кишоварзиро бо оби обёрӣ таъмин намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудӣ бо истифодаи 1 млрд. 359,7 млн. кВт/соат қувваи барқ бо арзиши 132,8 млн. сомонӣ 5 млрд. 263 млн. метри мукааб об баровaрда шудааст.

Хароҷоти хоси нерӯи барқ барои баровардани 1 метри мукааб об дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 0,258 кВт/соатро ташкил дод.

Дар ин давра ба маблағи 35,1 млн. сомонӣ ҳаққи истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шуда, ба ҳолати 1 январи соли 2024 қарзи идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби истифодаи нерӯи барқ дар назди ҶСК “Барқи Тоҷик” 97,7 млн. сомониро ташкил дод.

Сабаби асосии пайдоиш ва болоравии қарзи идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо дар назди ҶСК «Барқи Тоҷик» паст будани тарифи ҳаққи хизмати обрасонӣ ва пайваста баланд гардидани тарифҳои нерӯи барқ мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, №546 тарифҳои нерӯи барқ барои пойгоҳҳои обкашӣ, чоҳҳои амудӣ ва пойгоҳҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрел то 30 сентябр 10,67 дирам ва аз 1 октябр то 31 март 30,75 дирам муқарар карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати солимгардонии вазъи молиявию иқтисодии Агентӣ дар асоси Фармоиши Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарифи ҳаққи хизмати обрасонӣ барои 1 м3 то 5 дирам (бо назардошти ААИ) баланд бардошта шуд.

Барои иншооти сохтмони асосӣ соли 2023 аз ҳисоби маблағҳои муттамарказонидашуда ба Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ 17,1 млн. сомонӣ ва инчунин дар асоси Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2023, №96-ф ҷиҳати оғози корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва сохтмони садди муҳофизатӣ дар мавзеи фурудгоҳи ноҳияи Ванҷ 5,85 млн.сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд.

Дар ин давра маблағҳои пешбинигардида азхуд карда шуда, ба маблағи 21925,9 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонию васлкунӣ ба иҷро расонида шуданд, ки дар натиҷа 240 гектар замини нав азхуд карда шуда, дар 3620 гектар замин таъминоти об беҳтар гардонида шуд. Инчунин 1 адад чоҳи амудӣ сохта шуда ва ба дарозии 0,9 км корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ анҷом дода шудааст.

Яке аз вазифаҳои асосии Агентӣ ин беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки он яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина барои

паст намудани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумуҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018 таҳти №374 ва фармоиши Агентӣ аз 8 январи соли 2019, №2 соли 2023 беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 9616 гектар заминҳои кишоварзӣ бо маблағи 10088 ҳазор сомонӣ (аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ 2381,0 ҳазор сомонӣ майдони 2409 гектар, буҷети маҳаллӣ 6483,0 сомонӣ майдони 5981 гектар ва аз ҳисоби буҷети муттамарказ 1224,0 ҳазор сомонӣ майдони 1226 гектар) ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати 01 январи соли 2024 ба маблағи 11949 ҳазор сомонӣ (118%) ҳолати 10154 гектар (106%) заминҳои ғайриқаноатбахши мелиоративӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ беҳтар карда шудааст. Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ масоҳати 4090 гектар ба маблағи 4370,0 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ масоҳати 3066 гектар ба маблағи 2561,0 ҳазор сомонӣ, буҷети муттамарказ 56 гектар ба маблағи 38,0 ҳазор сомонӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ 612 гектар ба маблағи 1032,0 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби АИО масоҳати 79 гектар ба маблағи 17,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби хоҷагиҳо масоҳати 2252 гектар ба маблағи 3932,0 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки муҳлати иҷрои қарори мазкур соли 2023 ба анҷом расида, аз

ҷониби Агентӣ лоиҳаи “Барномаи рушди беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо барои солҳои 2024-2028” беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 81248 гектар заминҳои кишоварзӣ ба маблағи 100,1 млн.сомониро таҳия ва дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2023, №186 “Дар бораи Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” дар соли 2023 гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба маблағи 50770,0 ҳазор сомонӣ ба дарозии 18963 метр, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои ғайри буҷетӣ 49390,0 ҳазор сомонӣ ба масофаи 16770 метр ва аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ ба маблағи 1380,0 ҳазор сомонӣ ба масофаи 2193 метр пешбинӣ карда шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои барқарорсозӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 42155,2 ҳазор сомонӣ (83%) ба масофаи 39477 метр (208%), аз ҷумла аз ҳисоби буҷети муттамарказ ба маблағи 13760,4 ҳазор сомонӣ ба масофаи 5086 метр, буҷети маҳаллӣ ба маблағи 21511,5 ҳазор сомонӣ ба масофаи 7369 метр, аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ ба маблағи 818,3 ҳазор сомонӣ ба масофаи 10428 метр, аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба маблағи 4919,2 ҳазор

сомонӣ ба масофаи 8035 метр ва ба тариқи ҳашар ба маблағи 1145,8 ҳазор сомонӣ ба масофаи 8559 метр корҳо иҷро гардиданд.

Бо мақсади васеъ намудани майдони заминҳои обёришаванда дар доираи “Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2022, №90 тасдиқ гардидааст соли 2023 азхуд намудани 1547 гектар заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии 480 гектар заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба маблағи 60709,0 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, бо ин мақсад 43361,0 ҳазор сомонӣ (71%) маблағ ҷудо гардида, 3082 гектар (199%) заминҳои нави обёришаванда азхуд ва 1092 гектар (228%) заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барқарор карда шудааст.

Барои дастгирии соҳа дар назди Агентӣ 3 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 135,3 млн. доллари ИМА фаъолият намуда истодаанд, аз ҷумла лоиҳаҳои «Беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон» (солҳои 2020-2025), «Идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Панҷ» (солҳои 2016-2024) ва «Системаи обёрии ба тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ тобовар ва навсозии заҳкашу заҳбурҳо дар ҳавзаи дарёи Вахш» солҳои 2022-2027).

Соли 2023 азхудкунии маблағҳо 16,0 млн. доллари ИМА ё худ 76% ва аз аввали татбиқи лоиҳаҳо бошад 55,1 млн.доллари ИМА, ё худ 42% -и нақшаи умумии лоиҳаҳоро ташкил медиҳад.

Корҳои созмондиҳӣ ва рушдиҳии ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) дар доираи Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 идома дорад.

Тибқи ҳисобот ба ҳолати 1 январи соли 2024 дар ҷумҳурӣ 244 адад АИО фаъолият доранд, ки ба майдони 433184,4 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда хизматрасонӣ менамоянд.

Дар давраи ҳисоботи барои ба низом даровардани корҳои назоратӣ ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нохуш оиди муҳофизати меҳнат, ҳаракати роҳ, техникаи бехатарӣ ва муҳофизат аз сӯхтор нақшаи чорабиниҳо ва фармоишу дастурамалҳои Агентӣ ба идораю корхонаҳои зертобеъ равона карда шуда, иҷрои он таҳти назорати қатъӣ гирифта шудааст, ки дар ин давра ягон ҳодисаи нохушӣ истеҳсолӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Дар мувозинаи корхонаҳои зертобеи Агентӣ 779 адад техникаҳои гуногунтамға мавҷуд мебошад, ки 350 адади онро муҳлати истифодабариашон гузашта ва корношоям гардидаанд. Айни замон танҳо 429 адади техникаҳои гуногунтамға коршоям мебошанд.

Бо истифода аз техникаҳои мавҷуда дар давраи ҳисоботӣ барои тоза намудани шабакаҳои обёрӣ, заҳбуру заҳкашҳо ва дигар чорабиниҳои дахлдор дар ҳаҷми 3395,9 ҳазор $м^3$ корҳои заминӣ иҷро карда шуда, ба воситаи 75 адад наклиёти боркаш 58,5 ҳазор тонна масолеҳҳои гуногуни лозима ба маконҳои муайянгардида кашонида шудааст.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар ин давра 5638 нафарро ташкил дода, аз он дар соҳаи истифодабарӣ 5540 нафар ва дар сохтмон 98 нафар кор ва фаъолият намуда истодаанд. Музди миёни моҳонаи кормандон дар ин давра 860 сомониро ташкил медиҳад.

Таъмини иҷрои ҳамаҷонибаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» дар мадди назари Роҳбарияти Агентӣ қарор дошта, нисбат ба мурочиатҳои шаҳрвандон тадбирҳои мушаххас андешида мешавад. Шаҳрвандон асосан оид ба масъалаҳои таъмин намудани онҳо бо оби нӯшокӣ ва обёрӣ, расонидани кӯмаки моддӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, барқарорсозӣ ва тоза намудани шабакаҳои обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо ва дигар масъалаҳои муҳими ҳаётӣ мурочиат намуда, тибқи талаботи қонуни мазкур аз ҷониби масъулин сари вақт масъалаҳо баррасӣ мегарданд.

Қабули шаҳрвандон ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба мурочиат аз ҷониби кормандони

масъули Агентӣ дар доираи салоҳият ва ваколат дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ карда шудааст.

Дар ин давра ба Агентӣ 148 адад аризаҳои хаттии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва 43 адад муроҷиатҳои шифоҳӣ дохил гардида, 185 адади он ҳалли худро ёфта ба муаллифон ҷавоб гардонида шудааст ва боқимонда дар ҳолати корбарӣ қарор доранд.

Инчунин дар соли 2023 ба дастгоҳи марказии Агентӣ дар маҷмӯъ 3135 адад асноди гуногун аз ҷумла 907 адад аз  Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардида қисми зиёди онҳо ба иҷро расонида шуда боқимонда 304 аснод дар ҳолати корбарӣ қарор доранд.

Ҳамзамон дар ин давра аз ҷониби дастгоҳи марказии Агентӣ ба корхонаву идораҳои зертобеъ 1930 адад аснод ва 130 адад фармоишҳои ба тавсиб расидаи Агентӣ ирсол гардида, иҷроиши онҳо таҳти назорат қарор доранд.

Вазифаҳои муҳимтарини Агентӣ дар соли 2024 таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳои тирамоҳию зимистонӣ ва боз ҳам беҳтар намудани таъминоти оби заминҳои обёришаванда, азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ба масоҳати 3410 гектар, барқарорсозии 900 гектар заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, беҳтар намудани ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии 9812 гектар заминҳои кишоварзӣ, гузаронидани  корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба дарозии 36065 метр бо мақсади пешгирӣ аз

офатҳои табиӣ марбут ба об ва эмин нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишину иншооти хоҷагии халқ, таъмини иҷрои босифат ва саривақтии нақшаи «Барномаи сармоягузории бо таҷҳизоти муосири каммасрафи барқӣ таъмин намудани пойгоҳҳои обкашии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» таҳияи лоиҳаи "Барномаи рушди соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ барои солҳои 2024-2028", таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи беҳдошти замин ва обёрӣ" ва баргузор намудани 14-умин семинари байналмилалӣ оид ба ирригатсия ва дренаж таҳти унвони «Навсозии шабакаҳои обёрӣ ва дренаж бо мақсади мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва рушди устувор» дар доираи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028» мебошанд.

Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он аз тамоми захираву имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, кӯшиш менамояд, ки иҷрои босифат ва саривақт вазифаҳои худро таъмин намуда, дар амалигардонии сиёсати бунёдкорона ва созандагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазои худро гузорад.

Маркази матбуотӣ